**ТАҚРИЗ**

**ба авторефирати диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, яъне омӯзишу пажуҳиши лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар асоси гӯишҳои мардумони водии Ҳисор аз нигоҳи илми этнолингвистика бахшида шудааст.

Дар баробари пешрафти ҷомеа дар илми забоншиносӣ низ самтҳо ва ҷараёнҳои нав пайдо мешаванд ва яке аз ин самтҳо этнолингвистика ба шумор меравад. Лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ қабати муҳим ва асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои онро ташкил медиҳад. Аксарияти ин калимаҳо дар асоси урфу одат ва пешаҳои аҷдодии ин мардумон пайдо шуда, хусусиятҳои этнолингвистиро зоҳир менамоянд, ки муайян намудани хусусиятҳои этнолингвистии ин навъи калимаҳо аз ҷониби муҳаққиқон машаққати зиёдеро талаб менамояд Гарчанде омӯзишу пажуҳиши лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба назар расанд ҳам, аммо он таҳқиқҳо омӯзиши ҷанбаҳои ҳаматарафаи мавзуи мазкурро фаро гирифта наметавонанд. Таҳқиқи лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар якҷоягӣ, нишон додани вобастагии онҳо дар асоси гӯйишҳои муайян, то андозае аз назари муҳаққиқон дур мондааст, аз ин лиҳоз пажуҳиши мавзуи мазкур дар айни замон актуалӣ арзёбӣ мегардад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи навишти корҳои илмӣ таҳия гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гаридида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» номгузорӣ шудааст, диссертант диққати хешро ба омӯзиши назарияҳои олимону донишмандон оид ба этнолингвистика равона намуда, роҷеъ ба этнолингвистика пажуҳишҳои арзишманди донишмандонро номбар карда тавонистааст. Робитаи забонро бо фарҳанг дар ин боб нишон дода, инчунин ба маънои этнолингвистии фарҳанг диққати махсус додааст.. Андешаҳои олимонро оид ба омӯзишу пажуҳиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор, инчунин, аз нигоҳи этнолингвистӣ моҳирона оварда, дар асоси онҳо андешаҳои хешро низ роҷеъ ба ин таҳиқҳо баён кардааст.

Дар ин боб унвонҷӯ на танҳо ба омӯзишу пажуҳиши лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор камари ҳиммат баста, то андозае масъалаи этоногенез, яъне пайдоишиин қавму қабилаҳои водии Ҳисорро низ баррасӣ намудааст. Ошкор сохтааст, ки дар водии Ҳисор ба ғайр аз мардумони муқимӣ, инчунин,

намояндагони панҷ гурӯҳи этникӣ истиқомат менамоянд, ки таъсири лаҳҷаву шеваҳо ба забони ин гурӯҳҳои этникӣ назаррас аст.

Дар боби дуюм "Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор"рисоланавис ба омилҳои асосии рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ дар водии Ҳисор диққати ҷиддӣ дода, дарҷ намудааст, ки сабаби асосии рушду такомули ҳунармандӣ дар ин мавзеъҳо иқлими мусоид ва мавқеи ҷуғрофӣ ба ҳисоб меравад. Шоҳроҳи Бузурги Абрешим, ки маҳз, аз ин водӣ мегузашт, барои рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ шароити мусоид фароҳам оварда тавонистааст. Унвонҷӯ пайдоиши иддае аз калимаҳои соҳаи ҳунармандиро муайян сохта, онҳоро тақсимбандӣ намуда, маънову муҳтавои истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишиеро, ки хусусиятҳои лаҳҷавиро касб намудаанд, дар қавсайн шарҳ дода тавонистааст.

Дар боби сеюм, ки "Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ на танҳо ин гурӯҳи вожаҳоро гурӯҳбандӣ намудааст, инчунин, бештар ибораҳои халқӣ, ибораҳои фразеологӣ, мақолу зарбулмасалҳо ва боварҳое, ки дар иртибот бо вожаҳои соҳаи маишӣ дар гуйишҳои мардумони водии Ҳисор ташаккул ёфтаанд, мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додааст. Ошкор намудааст, ки хусусиятҳои этнолингвистӣ бештар дар калимаву истилоҳоти соҳаи тиб ба назар мерасанд. Б вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо ташаккулёбии калимаҳои ифодакунандаи пешаҳоро нишон дода, то андозае хусусиятҳои сотсиолингвистии онҳоро низ ошкор кардааст.

Боби чорум "Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" номгузорӣ карда шуда, баромади ин гурӯҳи вожаҳо муайян карда шудаанд. Рисоланавис муайян кардааст, ки аксарияти калимаҳои аслии тоҷикие, ки ворисони лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор дар нутқи худ мавриди истифода қарор медиҳанд, аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, дар осори ниёгон дар ҳамин шаклу маънӣ корбаст шудаанд. Дар ин боб омилҳои воридшавии калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ -узбекӣ ва русӣ-аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маиширо дар лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор нишон дода шудаанд. Ошкор намудааст, ки аксарияти калимаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ дар натиҷаи зисту зиндагонии якҷояи мардумони водии Ҳисор бо қавмҳои узбек ба луғати ин лаҳҷаву шеваҳо ворид гаштаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 28 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 33 - мақола, аз ҷумла, 25 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Хуб мешуд агар муҳаққиқ ҳангоми тарҷумаи вожаҳо дар қисмати русии авторефират ба хусусиятҳои милии онҳо диққат дода, онҳоро ҳамчун реалияҳо муаррифӣ намуда, дар қавсайн тарҷумаи онҳоро меовард. Масалан

тарчумаи вожаҳои *туқумдӯз, юрмадӯз, қайлапаз, буламоқпаз, қуймапаз қаламапаз* ( саҳ 39) аз мадди назари муҳаққиқ дур мондааст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ғалатҳои мавчудбуда сифати корро коста нагардонида, ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳчаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони точикӣ таҳқиқоти илмии баанчомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, чавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

**Муқарриз**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
донишгоҳи давлатии Фарғона Хакимов М.Х.
**Нишонаи муассиса:**15000 Чумҳурии Узбекистон
ш. Фарғона, кӯчаи Мураббий 19
Тел:+998901613700
**Нишонаи сахифаи расмӣ:** mukhtar63@mail. ru
Тел: +998916741685

Имзои Ҳакимов Муҳаммадро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
донишгоҳи давлатии Фарғона Жумабоев А.

KADRLAR BO'LIMI

**«19» апрели соли 2024**